**Тақриз**

ба автореферати рисолаи номзадии Раҳимов Шодмон Давлатович дар мавзуи “**Самаранокии истифодаи нуриҳои минералӣ дар кишти навъҳои пиёзи барвақтӣ дар водии Вахш**” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.09 - сабзавоткорӣ.

Сабзавоткорӣ дар ҷумҳурӣ яке аз соҳаҳои муҳими истеҳсолӣ ба шумор рафта, дар таъмини озуқаворинии кишвар нақши асосиро мебозад.

Пиёзи бехӣ яке аз зироатҳои асосии соҳаи сабзавоткорӣ ба ҳисоб рафта, аҳолии ҷумҳурӣ ба он эҳтиёҷи бештар ва хоса дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зироати пиёз бештар дар минтақаи водии Вахш кишт карда мешавад, ки шароити хуб барои парвариши онро дороcт.

Рисолаи илмии Раҳимов Шодмон Давлатович ба яке аз масъалаҳои имрӯз зарур барои ҷумҳурӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ, парвариши пиёзи барвақтӣ бахшида шудааст.

Кори илмӣ - тадқиқотии унвонҷӯ ин интихоби навъҳои зироати пиёзи барвақтии “Пешпазак”, “Алдоба” ва “Тунис”, ки ба шароитҳои иқлими водии Вахш мутобиқ мебошанд, инчунин, омӯзиш ва муайян намудани меъёрҳои гуногуни нуриҳои минералӣ, таъсири онҳо ба рушду нумӯи пиёзи барвақтӣ, дар шароити водии Вахш, ноҳияи Ҷайҳун мебошад. Яке аз омилҳои асосии гирифтани ҳосили баланду хушсифати пиёзи барвақтӣ ин истифодаи самараноки нуриҳо мебошад.

Натиҷаҳои тадқиқотҳои ба даст овардаи унвонҷӯ исбот намуданд, ки зироати пиаёзи барвақтиро метавон дар шароити водии Вахш, махсусан дар хокҳои хокистарранги равшани минтақаи ноҳияи Ҷайҳун кишт намуда, ҳосили баланд ба даст овард.

Дар тадқиқотҳои илмии худ Раҳимов Шодмон Давлатович муайян намудааст, ки истифодаи нуриҳои маъданӣ бо меъёри $N_{240}P_{120}K_{90}$ ба зироати пиёзи барвақтии навъҳои “Пешпазак”, “Алдоба” ва “Тунис”таъсир расонида, ҳосили баланд (54,5 - 56,6 т/га) рӯёнда шудааст. Инчунин, унвонҷӯ исбот намуданд, ки аз кишти зироати пиёзи барвақтӣ дар шароити водии Вахш даромаднокии истеҳсолӣ аз истифодаи меъёри баланди нуриҳои минералӣ ($N_{240}P_{120}K_{90}$кг/га) аз 170,1 то 178,3 % –ро ташкил намудааст.

Ҳамин тариқ аз натиҷаҳои корҳои тадқиқотии бадастовардаи унвонҷӯ муайян гардидааст, ки зироати пиёзи барвақтиро метавонем дар шароити водии Вахш, махсусан дар минтақаи ноҳияи Ҷайҳун кишт намуда, ҳосили баланди бехпиёз ба даст орем.

Аз натиҷаҳои маълумотҳои гирифташудаи унвонҷӯ хулоса баровардан мумкин аст, ки корҳои илмӣ - тадқиқотӣ аҳамияти назариявӣ ва илмӣ - амалиро доро мебошанд, аз рӯйи мубрамият, навгонӣ, мазмуну мундариҷаашон ба талаботҳои КОА -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва Раҳимов Шодмон Давлатович барои соҳиб шудан ба унвони номзади илмҳои кишоварзӣ бо ихтисоси 06.01.09-сабзавоткорӣ, арзанда мебошанд.

Мудири кафедраи
агрохимия ва хокшиносии
ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур, н.и.к., дотсент Иброҳимов Н.Ш.

Имзои Иброҳимов Н.Ш. -ро тасдиқ менамоям,
мудири шуъбаи кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии
ДАТ ба номи Ш. Шоҳтемур Қурбонзода А.

Нишона: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146. Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур

Тел: (+992)938314443
E-mail: ibrokhimov1963@mail.ru

03.12.2025